Замимаи 6
ба қарори ҳайати мушовараи
Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «29» августи соли 2022, №12/4

# ДАСТУРАМАЛ
# ОИД БА ИҶРОИ КОРҲОИ НАЗОРАТИИ ДОНИШҶӮЁНИ ШУЪБАИ ФОСИЛАВИИ МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ

Дастурамали мазкур дар асоси талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» ва «Низомномаи намунавии муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия гардидааст.

## 1.МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1) Кори назоратӣ яке аз намудҳои асосии кори таълимии донишҷӯёни фосилавӣ дар тамоми муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад. Кори назоратӣ марҳилаи аввалини фаъолияти мустақилонаю эҷодкоронаи донишҷӯён маҳсуб ёфта, аз онҳо дониши мукаммали назариявию амалиро, ки дар раванди таҳсил ба даст овардаанд, тақозо мекунад.

2) Таълифи кори назоратӣ дар таҳсилидонишҷӯёни шакли таҳсилоти фосилавӣ барои беҳтар аз худ кардани бахшҳо ва мавзӯҳои муҳими ин ё он фан ёрӣ расонда, дониши ӯро мукаммал менамояд. Ҳангоми иҷрои кори назоратӣ донишҷӯй таҳлили мустақилона ва хулосабарориҳоро омӯхта, дар баёни бонизоми андеша малакаи зарурӣ ҳосил менамояд.

3) Пеш аз таълифи кори назоратӣ донишҷӯй бояд маъхази ба мавзуъ алоқамандро хуб омӯхта, дар бораи он тасаввуроти равшан ҳосил намояд. Омили муҳим дар вақти иҷрои кори назоратӣ омӯзиши адабиёте мебошад, ки доир ба мавзуъ тавсия шудааст. Кори назоратӣ ба таври мустақилона омода гардида, дар ҷараёни иҷрои он донишҷӯй бояд мустақилона рафтор намояд. Донишҷӯй ҳангоми иҷрои кори назоратӣ илова ба китоби дарсӣ ӯҳдадор аст, ки аз китобҳои илмии иловагӣ истифода барад. Ҳамзамон, ғайр аз адабиёти доир ба мавзуъи тавсияшуда истифодаи рисолаҳо, васоити таълимӣ, шабакаи интернет, мақолаҳои маҷмӯаву маҷаллаҳо ва рӯзномаҳо, ки ба мавзуи кори назоратӣ алоқаманд мебошанд, ба мақсад мувофиқ аст.

4) Дар кори назоратӣ фикр пай дар пай ва муҳокимаронӣ ба таври мустақилона бояд баён гардад. Кори назоратӣ дар асоси нақшаи муайян навишта мешавад.

5) Аз натиҷаи иҷрои корҳои назоратӣ донишҷӯй ба имтиҳони ҳамон фан роҳ дода мешавад. Бинобар ин, кори назоратӣ бояд дар муҳлати муқарраргардида омода ва ҳимоя карда шавад. Ба ҳар кори назоратӣ

омӯзгори тафтишкунанда тақриз менависад. Ҳангоми тафтиши кори назоратӣ ба он баҳо тибқи ифодаи ҳуруфии баҳои донишҷӯй ва эквиваленти адади он гузошта мешавад.

## 2. ТАРТИБИ ИҶРОИ КОРҲОИ НАЗОРАТӢ

6) Иҷрои кори назоратӣ яке аз шаклҳои муҳими кори мустақилонаи донишҷӯён дар омӯзиши фанни тадрисшаванда ба ҳисоб рафта, ба донишҷӯён малакаи омӯзиши мустақилонаи адабиёти иловагиро дода, дуруст баён кардани фикри худ, таҳлил кардани масъалаҳои душвори назариявӣ ва ба ҳам пайвастани назария бо амалияро меомӯзонад.

7) Талаботи асосие, ки ҳангоми иҷрои кори назоратӣ гузошта мешавад, пеш аз ҳама, ба таркиб, сохтор, ҳаҷм ва тарзи баёни мавзуъ, инчунин ба шакли навиштани он марбут мебошад. Кори назоратӣ бояд ягонагии дохилӣ дошта, дар он ҳамаи масъалаҳои бозгӯшаванда бо ҳам алоқаманд, мантиқан пайдарпай баён шаванд.

8) Аз рӯйи таркиб кори назоратӣ сатҳи бештар баланди ёддошт-конспект мебошад, ки дар он масъалаҳои тадқиқшаванда инъикос меёбанд, таърифҳои гуногуни мафҳум ва категорияҳои ҷудогона оварда мешаванд, далелу рақамҳо таҳлил ва ҷамъбаст карда мешаванд.

9) Кори назоратӣ бояд дар шакли дастнавис ва бо хати хоно ё ба намуди чопӣ навишта шавад. Дар ҳар саҳифа гузоштани ҳошия барои қайди омӯзгор ва барои тафтишу тақриз зарур аст. Танҳо баъд аз гирифтани тақризи мусбат донишҷӯй барои супоридани имтиҳон аз фанни тадрисшаванда ҳуқуқ пайдо менамояд.

10) Кори назоратӣ бояд дар шаклидуруст ба расмият даровардa шавад. Дар варақи аввал нишон додани номи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, факултет, мавзуъ, гурӯҳ, ному насаб шарт аст. Дар варақи дигар сарлавҳа ва матни кор оварда мешавад. Саҳифаҳо бояд бо рақам ишора шаванд. Ҳангоми овардани иқтибосҳо зарур аст, ки онҳо айнан, бехато ва аз ду тараф дар нохунак гирифта шуда, дар поварақ сарчашмаеро, ки аз он иқтибос гирифта шудааст (бо зикри номи муаллиф, номи асар, ҷой ва соли нашр, саҳифа ва ё тариқи рақамгузорӣ) нишон дода шаванд. Дар охири кор рӯйхати адабиёти истифодашуда ҷой дода мешавад.

## 3.ҚОИДАҲОИ ТАҚРИЗНАВИСӢ, ШАРОИТИ НИГОҲДОРӢ ВА ТАРТИБИ СОҚИТСОЗИИ КОРҲОИ НАЗОРАТӢ

11) Қабули корҳои назоратии донишҷӯён барои тафтиш ва тақризнависӣ ба тартиби зайл ба роҳ монда мешавад:

-қабл аз оғози соли таҳсил мудири кафедра номгӯйи мавзуҳои корҳои назоратиро барои тасдиқ ба Шурои методии факултет ва ё комиссияи методии кафедраи умумидонишгоҳӣ пешниҳод менамояд. Номгӯйи мавзуҳои корҳои назоратӣ пас аз тасдиқи Шурои методӣ ва ё комиссияи методии кафедра ба деканати факултет баргардонида мешаванд.

-донишҷӯён номгӯйи мавзуҳои корҳои назоратиро бо рӯйхати адабиёти тавсияшуда дар муҳлати муқарраршуда таҳияву таълиф ва ба масъули кафедра пешниҳод менамоянд.

-масъули факултет корҳои назоратии манзуршударо дар дафтари махсус ба қайд гирифта, барои тақриз ва баҳогузорӣ ба омӯзгор ирсол менамояд. Тақризнавис вазифадор аст, ки дар муҳлати на бештар аз 7 рӯзи кории оянда ба кори назоратӣ тақриз нависад.

12) Дар тақриз ба кори назоратӣ ба ин нуктаҳо бояд ишора кард:

– мувофиқати мазмуни он ба мавзӯи пешниҳодшуда;
– дараҷаи бозгӯии паҳлӯҳои назариявӣ ва ё фароҳамсозии донишу малакаҳои амалии зарурӣ;
– камбудиҳои кори назоратӣ ва тавсияҳо баҳри бартараф кардани онҳо;
– баҳодиҳии натиҷаҳои тақризнависӣ тибқи ифодаи ҳуруфии баҳои донишҷӯй ва эквиваленти ададии он ба роҳ монда мешавад.

13) Мудири кафедра баъд аз санҷиши омӯзгори вобасташуда баҳои корҳои назоратиро дар журнали қайди кафедра дарҷ намуда, донишҷӯй ба имтиҳони фанни тадрисшаванда иҷозат дода мешавад.

14) Корҳои назоратие, ки аз тарафи тақризнавис мусбӣ баҳогузорӣ нашудааст, ба донишҷӯй тариқи масъули кафедра баргардонда мешаванд. Корҳои назоратие, ки мусбӣ баҳогузорӣ шудаанд, ба мудири кафедра супорида мешаванд.

15) Аз эътибор соқит намудани корҳои назоратӣ дар давоми ду ҳафтаи баъди анҷоми сессия аз ҷониби комиссияи махсус дар ҳайати декан (ҷонишини декан)-и факултет, мудири кафедра сурат мегирад. Далели аз эътибор соқит намудани кори назоратӣ бо санад тасдиқ гардида, як нусхаи он дар деканати факултет ва нусхаи дигараш дар кафедра нигоҳ дошта мешавад. Санад, дар навбати худ, аз ҷониби муовини ректор оид ба таълим тасдиқ карда мешавад.

16) Баҳои иҷрои кори назоратӣ дар транскрипти донишҷӯй гузошта намешавад.

17) Ба донишҷӯёне, ки корҳои назоратии нимсолаи таълимиро иҷро накардаанд, даъвати музднок ба сессияи навбатӣ дода намешавад.

18) Мавзуҳои корҳои назоратӣ ҳар соли таҳсил бояд такрор наёбанд.

## 4.СОХТОРУ ТАРКИБИ КОРИ НАЗОРАТӢ

19) Донишҷӯй пас аз интихоби мавзуъ ва шиносоӣ бо сарчашмаҳои зарурии тадқиқотӣ баҳри амалӣ гардонидани мақсаду мароми асосӣ ба омӯзишу тадқиқи масъалаи асосӣ шуруъ менамояд, ки дар асоси нақшаи кори тасдиқшуда сурат мегирад.

20) Нақшаи мавзуъ дар асоси ҷанбаҳои асосии он тартиб дода мешавад. Дар ҳаҷми 8-10 саҳифа навиштани кори назоратӣ ба мақсад мувофиқ аст. Омӯзгор ҳангоми тафтиш ва баҳогузории кори назоратӣ бояд ба мазмуни кор, таҳлил ва муҳокимаронии мустақилона, ҳалли дурусти мавзуъ ва дараҷаи саводнокии донишҷӯй эътибори ҷиддӣ зоҳир намояд.

21) Ҳангоми иҷрои кори назоратӣ риояи пай дар пайи марҳалаҳои зерин хеле муҳим аст:

**Интихоби мавзуъ.** Мавзӯи корҳои назоратӣ аз ҷониби омӯзгор ба донишҷӯй пешниҳод карда мешавад.

**Шиносоии пешакӣ бо адабиёт оид ба мавзӯи кори назоратӣ ва таҳияи нақшаи он.** Ғайр аз адабиёти асосӣ ва иловагии тавсияшуда, ки дар ин дастур омадааст, донишҷӯй метавонад аз дигар сарчашмаҳо оид ба мавзӯи интихобшуда истифода намояд. Баъд аз ошноии пешакӣ бо адабиёти зарурӣ донишҷӯй бояд нақшаи корро таҳия намуда, онро бо омӯзгор мувофиқа намояд. Нақшаи кор аз сарсухан, қисмати асосии кор ва хулоса иборат аст. Замима дар ҳолате оварда мешавад, ки дар кори назоратӣ маводи зиёди оморӣ дар шакли ҷадвалу расмҳо ва дигар намуд тасвирҳои шарҳдиҳандаи андозаашон калон истифода шуда бошанд. Маводи оморӣ бояд дар қисмати асосии кор ҷо карда шавад. Дар қисмати асосии кори назоратӣ дохил намудани 4-5 саволи муҳими мавзуъ тавсия мешавад.

**Иҷро ва барасмиятдарории кори назоратӣ.** Маводи коркард ва хулосабарорӣ шуда ҳатман дар шакли дастнавис ва чопӣ навишта мешавад. Ҳангоми иншои кор риояи талаботи баёни илмӣ муҳим аст, ки аз низоми иқтибосҳо, таҳияи ҷадвалҳо, нақшаҳо, расмҳо, дуруст ишора кардани адабиёти истифодашуда ва ғайра иборатанд. Риояи талаботи баёни илмӣ дар пояи стандартҳо сурат мегирад. Ҳамаи он таърифи мафҳумҳо, дастурҳо, маълумот, рақаму далелҳо ва ғайра, ки аз дигар муаллифон иқтибос шудаанд, мебояд чун сарчашма дар поварақ оварда шаванд.

22)Кори назоратӣ дар маҷмуъ бояд дар намуди варақаи унвон бо ишора кардани вазорат, муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, факултет, кафедра, номи мавзуъ, ному насаби донишҷӯй ва омӯзгори роҳбар, инчунин нақшаи кор ба шакл даровarда шавад.

23)Кори назоратӣ аз сарсухан оид ба мубрамияти мавзуъ, қисмати асосии кор (иншои саволҳо мувофиқи нақша), хулосаи мухтасар оид ба қисмати асосии кор, номгӯйи адабиёти истифодашуда ва замимаҳо иборат мебошад.